«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент
Абдуалимзода Ҳ.А.
«__» 03 с.2023

# ХУЛОСАИ

## Ҷаласаи Шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Оид ба диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, 29-уми январи соли 1985 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2007 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси ташкилотчии кори бонкӣ хатм кардааст.

Аз соли 2017 бо фармоиши №128/и аз 12.12.2017 унвонҷӯи кафедраи фаъолияти биржавии ДДМИТ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дохил шуда, онро соли 23.01.2021 №7/И бомуваффақият хатм намудааст.

Аз соли 2017 инҷониб ҳамчун ассистенти кафедраи фаъолияти биржавӣ аз соли 2022 инҷониб ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 27-уми феврали соли соли 2018, қарори № 8/6,7 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

**Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи ДДМИТ

**Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шӯъбаи амалиётии ҶСП "Спитамен Бонк".

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳои кори иҷрошуда.** Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Низоми бонкӣ як сохтори марказонидашудаи бахши институҳои молиявӣ буда ба ҷаъмкуни тақсим ва аз навтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳоро дар сатҳи ҷомеа ташакили дурусти муомилоти пулӣ байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконотҳои мавҷуда ташкил намуда, тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад. Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун ииститутҳои миёнарав дар ташкили муносибат байни харидору фурӯшанда ва истеҳсолкунандаю истеъмокунанда иштирок намуда бо ин роҳ даромади худро таъмин менамоянд ва бо ин роҳ талаботи мизоҷони худро вобаста ба шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти миёнаравӣ байн субъектҳои гуногуни иқтисодӣ то як андоза маҳдудиятҳои норасоиии захираҳои пулиро дар дигар субъектҳо бартараф месозанд.

Таҷриба ва таҳаввулоти солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун омили асосии қонеъ гардонидани талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавасути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин қонеъ кардани талаботҳои рузафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мероасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Бо сабаҳои таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ноороми дар як қатор кишварҳои шарики стратегии Тоҷикистон, равандҳои идоракунии нодруст дар умумри низомӣ бонкӣ боиси бамаротиб коҳиш ёфтани шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ гардид, ки ин ҳолат аз муаммодор гардидани авзои низоми бонкии кишвар гувоҳи медиҳад. Дар давоми 5 сол шумораи бонҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бамаротиб дар ҳоли муфлисшавӣ қарор гирифта аз 134 адади соли 2015 ба 71 адад дар соли 2021 расид, кизиёда аз 50%- ин шумораро ташкил медиҳад.

Аммо, шумораи воқеии ташкилотҳои қарзии аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор хеле зиёд буд.

Аз ин хотир мо чунин тамоюлро дар сатҳи иқтисодиёти малакат яке аз муаммоҳои муҳими боздорандаи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ҳисобида, роҳи ҳалли ин масъаларо шарти воқеии таҳқиқоти илмии худ меҳисобем. Ба ин хотир имкониятҳои васеи сармоягузории бонкҳо, ташкили дуруст ва самараноки гардиши пули нақд ва ғайринақдӣ метавонанд ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши равандҳои такрористеҳсол, ҳосилнокии меҳнат ва рушди иҷтимоии кишвар мусоидат кунанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомдодаи мо дар шароити имрӯза бо меъёрҳо ва пешниҳодҳои як қатор стратегияву барномаҳои соҳавӣ робитаи зич дорад. Аз ин лиҳоз дар самти таҳқиқоти диссертасионии як қатор барномаву стратегияҳо ба монандӣ: Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул гардидан, ки дар баробари рушди иқтисодиёти кишвар ва устувории низоми бонкии кишвар мусоидат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Аз ҳалли масъалаҳои фаврии илмӣ дар самти муаммоҳои низоми бонкӣ ва эътимоднокии унсурҳои алоҳидаи он (ташкилотҳои қарзӣ) иборат аст. Таҳлили ин мушкилот бо дар назардошти тамоюлҳои мавҷудаи рушди бахши бонкӣ ва ҳамгироии иқтисодии он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба анҷом расонида шудааст. Методологияи ташкили низоми стандартикунонии баҳодиҳии бонки тиҷоратӣ асоснок карда шудааст ва модели баҳодиҳии устувории он таҳия карда шудааст.

**Навгониҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки дорои навоварии имлмӣ мебошанд ва омӯзиши раванди пажуҳишро муайян мекунанд иборатанд аз:

1. Вобаста ба заминаҳои бавуҷудой, зарурият ва аҳамият, таъмини роҳҳои фаъолгардонииии бахши бонкӣ, назарияҳои асосии олимони соҳа, ки ҷараёни ташкили низоми бонкиро бо назардошти хусусиятҳои асосӣ ва мундариҷаи гузариши низоми бонкӣ дар давраи тағйирёбии сохтори сиёсии давлат ифода менамояд дар бар гирифта, тавсифи бонкҳои тиҷоратиро вобаста ба зарурияти иқтисодии онҳо дар бар мегирад ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ такия менамояд.

2. Дар марҳалаҳои ҳаоси иқтисодӣ таҳлил ва арзёбии ҷараёни усувории фаъолияти бонкҳо дар ҳамбастагӣ бо равандҳои гуногуни иқтисодӣ, ки онҳо алоқамандӣ бо равандҳои таъсиррасон ба устуворӣ, пардохтпазирӣ ва босуботии низоми бонкӣ доран ошкор карда шудааст;

3. Вобаста ба мавқеъ, сохтор, ҳиссаи фаъолият, арзёбии умумӣ, таҳлили тавозун, сиёсат, рушди якхелаи бонкҳо, мутобиқати рушди муҳити

иқтисодии давлат, муаммоҳои низоми қарзӣ, омилҳои бесуботӣ дар доираи фарогирии хоҷагии халқ таснифи сатҳи устувории низоми бонкӣ пешниҳод шудааст;

4. Арзёбии иқтидори қарзӣ ва захиравии низоми бонкӣ дар доираи нишондиҳандаҳои молиявӣ аз рӯи ҳаҷ мва сохтори дороиҳо ошкор гардида роҳҳои имконпазирии он вобаст ба гурӯҳбандии бонкҳо пешбинӣ гардидааст;

5. Таҳлили динамикиии нишондиҳандаҳои алоҳида ва муҳими молиявии низоми бонкӣ, ки аз ҳаҷми дороиҳо, нишондиҳандаҳои меъёрии пардохтпазирӣ, ҳаҷми қарзҳо, ҳаҷми пасандозҳо ва дигар нишондиҳандаҳои муҳими молиявӣ ва муайян кардани устувории низоми бонкӣ твасути ҳалли муаммоҳои ҷойдошта тавсути муайян кардани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ, мувозинати фаъолияти бонкҳо ва эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд;

6. Ошкор гардидани ҳолатҳои пешниҳои такрории гарав ва дар заминаи он гирифтани қарз аз бонкҳо, инчуин сохтакорӣ дар захираҳои накдӣ дар филиалу марказҳои хизматрасонӣ дар минтақаҳои дурдаст бо ҳамкори соҳибкорон ва тоҷирони хурде, ки дар атрофи он ҷойгирандДарёфти механизмҳои самараноoки ҳалли мушкилотҳои низоми бонкӣ ва таъмини устувории бонкҳо.

7. Дар заминаи ташкили муҳити гуногунрангсози, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва даъсири омилҳои хатарафзоро ба сатҳи низоми бонкӣ коҳиш медиҳад, накша таҳия гардида механизмҳои имконпазири рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи гуногунрангсозӣ пешбинӣ гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Аҳамияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия, ки ҳамчун нуқтаи ҳимояшаванда мебошанд инҳоро дар бар мегиранд:

1. Муайян кардани давраҳои рушди низоми бонкӣ вобаста ба падидаҳои бавуҷудомада, ки асоси воқеии рушди низоми бонкӣ мебошанд;

2. Дараҷабандии равандаҳои таҳлил ҳангоми арзёбии омилҳои истифодашавандаи муаммоҳои низоми бонкӣ ва ҷузъҳои асосӣ ва таркибии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ;

3.Вобаста ба шароит ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян кардани равандҳои устуворӣ, ки варогири масъалаи сиёсати бонк, захираҳо ва дигар имкониятҳо мебошанд;

4. Ошкор намудани иқтидори захиравии низоми бонкӣ ва баҳодиҳии ҳолати он дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
тартиби стандартикунонии таҳлил ва баҳодиҳии муаммоҳои низоми бонкӣ;

5. Масъалаҳои асосии арзёбии устувории низоми бонкӣ дар доираи нишондиҳандаҳои молиявии онҳо ва роҳҳои имконпазири ҳали мушкилотҳои мавҷуда;

6. Усулҳои муайян кардани усувории низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳо вадигар нишондиҳандаҳои пардохтпазир ва тавсифи раваннҳои арзёбии

омилҳои алоҳидаи усуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ дар алоҳидагӣ вобаста ба иқтидори молиявӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо.

7. Таъмини устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи нақшаи муаяни гуногунрангсозӣ бо дурнамои рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Имкон медиҳанд, ки дастгирии методологии баҳодиҳии эътимоди устувории ташкилотҳои қарзӣ фарқ карда шуда бонкҳо аз рӯи ҳолати воқеии дороиҳо ва имкониятҳои сифати дороиҳо фарқ карда шуда муаммоҳо ва устувории молиявии онҳо пешгӯӣ карда шаванд.

Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ солҳои 2018-2021 маъруза шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот ва баромадҳои муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараққиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ. 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии пулию қарзӣ, макросиёсат вамикроравиш нисбат ба рушди системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.10.4. Проблемаҳои таъмини сиёсати мутавозинии сиёсати бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули пассивҳои бонкӣ дар ҳамаи бахшҳои сарчашмаҳо ва захираҳо.10.5. Устувории системаи бонкии ҶТ ва стратегияи рушди он.10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ. 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк.10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (2018-2021) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии ба диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо дар Донишгоҳи давлатиии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои “Инноватсия дар бонкҳо”, “Фаъолияти бонкӣ”, “Амалиётҳои бонкӣ”, “Маркетинги бонкӣ”, “Менеҷменти бонкӣ” истифода шуда истодаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар доираи мавзуи рисола муаллиф 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи КОА назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Нуров М.Р. Мушкилоти низоми бонкӣ ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муосир [Матн]/ Н.М.Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. № 10-2. С. 282-286.

[2-М]. Нуров М.Р. Механизмҳои устуворӣ ва рушди низоми бонкии ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Т.Т. Муслихова, М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2020. № 4 (24). С. 58-67.

[3-М]. Нуров М.Р. Таҳлили тамоюли рушди нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳои бозоргирӣ [Матн]/ М.Р. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 7. С. 161-167.

[4-М]. Нуров М.Р. Хавфҳои вобаста ва тартиби танзими он дар низоми бонкии кишвар [Матн]/ М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2022. № 1 (30). С. 219-227.

[5-М]. Нуров М.Р. Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкии ҷумњурии тоҷикистон ва муаммоҳои он [Матн]/ Ш.Қ.Хайрзода, М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2022. - № 4. - С. 115-122.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Нуров М.Р. Низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар татбиқи амалии раванди ҳисобаробаркуниҳо [Матн]/ М.С. Дембегиев, Ш.С. Нуров //Молия ва ҳисобдорӣ. - 2019. - №1 (148) .– С. 40-42.

[7-М]. Нуров М.Р. Гуногунрангсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун омили таъмини устувории мутобиқшаванда [Матн]/ М.Р. // маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Рушди низоми бонкии Ҷкмҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳали он”, (11-уми марти 2023) – Душанбе, 2023. – С. 161-162.

Пас шунидани маърузаи унвонҷӯ Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич мукарризони холис д.и.и., профессор Кошонова М.Р. ва н.и.и. Боймуродов Ҷ.Ҷ. баромад намуда корро анҷомёфта ҳисоб намуданд. Пас аз муҳокимаи диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи “Такмили механизми устувории низоми бонкии тоҷикистон дар шароити муосир” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз дигар аъзоёни шурои олимони факултети молия ва қарзи ДДМИТ низ баромад намуда фикру андешаҳои худро баён намуданд.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД**

1. Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи “Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021,№267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз барои пешниҳоди рисолаи илмӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия иҷозат дода шавад;

Қарор дар маҷлиси Шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Протоколи № 7 аз "27" 02 соли 2023 қабул гардидааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: "тарафдор"-22 нафар; "зид" – нест; "бетараф" – нест.

**Раиси маҷлис**
декани факултети молия ва қарз,
н.и.и., дотсент — Нурализода А.Н.

**Котиби илмӣ**
н.и.и., дотсент — Махшулов С.Ҷ.

**Муқарриз,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молияи ДДМИТ — Кошонова М.Р.

**Мукарриз,**
Номзади илмҳои иқтисодӣ
сардори шӯъбаи амалиётии
ҶСП "Спитамен Бонк" — Боймуродов Ҷ.Ҷ.

Дурустии имзоҳои А.Н. Нурализода, С.Ҷ Махшулов ва М.Р. Кошоноваро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус, н.и.х., — Шарипов У.А.

Имзои Боймуродов Ҷ.Ҷ.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори Департаменти кадрҳо
ҶСП "Спитамен Бонк" — Мирзоева Л.